# ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи рисолаи илмии Ализода Наврӯз Алӣ дар мавзуи “Поэтикаи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 –Фолклоршиносӣ (Душанбе, 2023.-28 саҳ.)**

Зарбулмасалҳо дурдонаҳои гаронбаҳои халқӣ буда, давоми садсолаҳо сайқал ёфта, ҳикмату фалсафаи аҷдодони моро дар бар гирифтаанд. Вай аз жанрҳои маъмули фолклор маҳсуб шуда, тули асрҳост, ки дар забони гуфтугӯӣ ва адабиёти хаттии тоҷик мақоми хоса дорад. Зарбулмасалҳо дар натиҷаи муносибати иҷтимоиву маънавии инсонҳо ба вуҷуд омада, асосан маҳсули таҷрибаву мушоҳида ва хулосаҳои афроди зираку доно ҳастанд. Аз ин хотир, ба риштаи таҳқиқ кашидани ин анвои фолклорӣ, ки дар он ҷаҳонбинӣ, фазлу хирад ва ҳикмати мардуми даризабонони Афғонистон мунъакис гардидаанд, дар айни замон икдоми шоиста арзёбӣ мешавад. муаллиф бо дарки ҳамин зарурат дар рисолаи илмии худ накши зарбулмасалҳоро дар рушди фолклори мардумони даризабонони Афғонистон мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор додааст.

Аз фишурдаи рисола чунин бармеояд, ки он аз муқаддима, се боби ба ҳам алоқаманд, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима дар бобати аҳамияти мавзуи мавриди таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, навгонии илмӣ ва дигар қисматҳои анъанавӣ ба таври мухтасар сухан меравад. Муаллиф муҳимият ва дараҷаи омухта шудани мавзуъ, мақсаду вазифаҳо, заминаҳои назариявӣ ва методологӣ, маводу сарчашма, бозёфтҳо, аҳамияти илмиву амалӣ ва сохтори тадқиқотро тавзеҳ медиҳад.

Қисмати асосии фишурда, ки ташреҳи мундариҷаи тадқиқотро фаро мегирад, моҳият ва ҷавҳари ҷустуҷӯҳои илмии диссертантро дар робита бо фаслҳои он ба таври возеҳу равшан бозгӯ менамояд.

Мавзуи баҳси боби аввали рисола масъалаи таърихи гирдоварӣ, нашр ва

таҳқиқи зарбулмасалҳои даризабонони Афғонистонро дар бар мегирад. Дар се фасли ин боб корбурди истилоҳи «зарбулмасал» ва муродифҳои он, гирдоварӣ ва нашри зарбулмасалҳои даризабонон ва таҳқиқи зарбулмасалҳои даризабонон аз ҷониби адабиётшиносон ва мунаққидон муфассал баррасӣ гардидааст.

Боби дуввуми рисола масоили вобаста ба махсусияти жанрии зарбулмасал, мавзуъҳои зарбулмасалҳо, муқоисаи зарбулмасалҳои ҳамзабононро фаро мегирад. Дар ин қисмат беҳтарин намунаҳои ин анвои фолклорӣ ҷамъоварӣ шуда, аз лиҳози ҷустуҷуҳои ғоявию эстетикӣ ва арзиши бадеию услубӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар боби севуми рисолаи илмии Ализода Наврӯз Алӣ сохтор, бадеият, забон ва услуби баёни зарбулмасалҳои даризабонии Афғонистон таъйину таҳқиқ гардидааст. Ин ҷо бахусус, қазияи вазну оҳанг ва радифу қофия, саҷъ дар иртибот бо осори фаҳлавӣ хеле васеъ шарҳу эзоҳ ёфтааст. Мақоми воситаҳои тасвири бадеӣ чун ташбеҳ, истиора, киноя, мувозина, таҷнис, таносуб, талмеҳ, муболиға, муламмаъ ва амсоли онҳо дар рисола тазаккур ва таъкид ёфтаанд.

Бояд гуфт, ки кулли қисматҳои рисола аз муқаддима то хулоса ҷанбаи пурқуввати илмӣ дошта, андешаву бардоштҳои муаллиф дар асоси таҳлилу баррасии муҳтавои зарбулмасалҳои даризабонии Афғонистон сурат гирифтааст ва хусусиятҳои жанриву услубӣ, сохтор ва услуби баёни он бо камоли фаҳмиш арзёбӣ шудаанд.

Дигар аз падидаҳои муҳими ин рисола дар он аст, ки муаллиф дар раванди таълиф ба адабиёти илмию таҳқиқотӣ марбут ба зарбулмасалҳои халқӣ бахшида шудааст, дақиқ назар андӯхта, қазовати адабиётшиносону муҳаққиқонро таҳлил ва дар баъзе ҳолатҳо раду бадал карда, биниш ва фикру мулоҳизаҳои хешро манзур менамояд.

Ҳамзамон, дар баробари пазироӣ аз таҳқиқи зарбулмасалҳои даризабонон муаллифи рисола баъзе нуқсҳои эҷодӣ, камбудии забониву луғавӣ ва сабку услуби зарбулмасалҳоро ошкор намуда, роҳҳои беҳдошти

онро то қадри имкон матраҳ намудааст, аммо ин паҳлуи кори муҳаққиқ дар фишурда чандон инъикос нашудааст.

Хуллас, рисолаи илмии Ализода Наврӯз Алӣ аз лиҳози мазмуну муҳтаво ва сохтору банду баст, мантиқи андешаву афкор ва пайванди ғоявии як боб бо боби дигар ба талабот ҷавобгу буда, муаммои мавриди назар ҳалли худро ёфтааст ва муаллиф ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуи рисолаи илмӣ комилан муваффақ шудааст.

Ҳамчунин, як силсила мақолаҳои ба табъ расонидаи муаллиф дорои ҷанбаи қавии илмӣ буда, дар бозгу намудани паҳлуҳои мухталифи мавзуи асосӣ мусоидат кардаанд.

Ба андешаи мо, муаллифи рисола Ализода Наврӯз Алӣ шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад.

Номзади илмҳои филология,
дотсенти МДТ "ДДХ ба номи
академик Б.Ғафуров" Файзуллоҷон Баҳриев

Имзои Баҳриев Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
Эҳсон Наврузов

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1

Тел: 6-52-73, 6-47-39 факс: 6-75-18
E-mail: rector@hgu.ti

«01» сентябри соли 2023